**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**УДК: 347.6+347.7 (575.3)**
**ББК: 67.99 (2) 3+67.99 (2) 4 (2 тоҷик)**
**М: - 22**



**МАНСУРӢ ШОДМОН ҶАМОЛИДДИНЗОДА**

# ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ ПУЛӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи
гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи
байналмилалии хусусӣ
(илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Душанбе – 2021**

**Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Раҳимзода Маҳмад Забир** – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Исмаилов Шавкат Маҳмудович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон |
| | **Ҳошимзода Даврон Додоҷон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» |

Ҳимояи диссертатсия «28» сентябри соли 2021 соати 11 $^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, толори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» __________ соли 2021 тавзеъ шуд.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Азиззода У.А.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Уҳдадориҳои пулӣ дар шароити ҳозира унсури ҷудонопазири иқтисоди бозорӣ буда, ба онҳо дар низоми ҳуқуқии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ дар навбати аввал бо гуногуншаклӣ ва тафовути онҳо алоқаманд буда, ба бозори ҳозиразамон нигаронида шуда, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ки тибқи моддаи 12 он асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил намуда, давлат бошад, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамоми шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад[1].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КГ ҶТ) ғояҳои ҳуқуқи хусусиро эҳё намуда, боиси такмили институтҳои ҷойдоштаи ҳуқуқӣ ва ба вуҷуд омадани институтҳои нав, аз ҷумла, институти уҳдадориҳои пулӣ гардид. Реҷаи ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ бо дарназардошти талаботи кунунии муомилоти бозорӣ дар қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва пеш аз ҳама, дар меъёру муқаррароти КГ ҶТ оид ба иҷрои онҳо (шартҳои иҷро, оқибатҳои ба таъхир андохтани иҷро, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва бо таври матлуб иҷро накардани онҳо ва ғайра) муқаррар карда шуд.

Чӣ тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, дар натиҷаи таъсири омилҳои дохиливу берунӣ, инчунин, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани идораи як қатор бонкҳо ва ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорат боиси бӯҳронӣ гардидани вазъи умумии низоми бонкӣ дар кишвар гардид. Аз ин ҷо, ҷиҳати тақвият додани заминаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва маърифатнокии молиявии аҳолӣ корҳои амалӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд. Бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С.9.

пешбинигардидаи дурнамои ҳамасолаи сиёсати пулию қарзӣ бояд суботи молиявии кишвар таъмин, фишангҳои пулию қарзӣ самаранок истифода ва механизмҳои таъсирбахшии онҳо ҷорӣ карда шаванд.[2]

Қайд намудан зарур аст, ки аз иҷрои уҳдадориҳои пулӣ суботи муомилоти иқтисодӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқшиносӣ ва амалия, таҳияи чунин механизмҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ ва рӯёнидани товони зарар мусоидат намоянд.

Ҳамзамон, на ҳамаи масъалаҳоеро, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд, қонунгузорӣ ҳал намудааст. Сабабгори ин ихтилофҳои назариявии то ба ҳол бартараф нашуда, инчунин, баъзе муаммоҳое мебошанд, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ба вуҷуд меоянд.

Гарчанде аз лаҳзаи эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани КГ ҶТ вақти муайяне гузашта бошад ҳам, вале то ба ҳол аз таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи граждании ба таври пурра истифода намешавад, аз ин ҷо, аз ҷумла, чунин масъалаҳои ҳалнашуда боқӣ мемонанд: таъсири тағйиротҳо ба қобилияти харидории пул ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, табиати фоизҳое, ки ҳангоми пешпардохт ҳисоб карда мешаванд, ҳисоби фоизҳо вобаста ба маблағи зиён ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки аз лиҳози назариявӣ дар адабиёти ҳуқуқи граждании ва соҳибкорӣ, асосан, масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ба таври матлуб иҷро накардани онҳо ва чанде дигар масъалаҳо баррасӣ шудаанд. Вале мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ, ҷойгоҳи онҳо дар низоми уҳдадориҳо, намудҳои гуногуни онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд. Ба ғайр аз ин, иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ аксар вақт ба чунин проблемаҳо, аз қабили иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои пулӣ; аз ҳуқуқҳои худ суиистифода намудани кредитор, аз ҷумла, суиистифода аз ҳуқуқҳои бо шартнома ба ӯ додашуда ҳатто дар бисёр мавридҳо ҷиҳати гирифтани фоизи баланд бардошташуда;

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо аз 10 майи соли 2019. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/20101 (санаи муроҷиат: 10.05.2019).

бойшавии беасоси аз ҳисоби якдигар; талабот дар бораи рӯёнидани зиён; баргардонидани воситаҳои пулии то бекор кардани шартнома пардохткардашуда ва ғайра.

Дар ниҳоят, аҳамияти таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои берунии иқтисодиро бо кишварҳои дигар низ инкишоф медиҳад. Дар робита ба ин, саволҳои зиёде ба миён меоянд, ки ба иҷрои ухдадориҳои пулӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, муайян намудани реҷаи ҳуқуқии ухдадориҳои пулӣ ва иҷрои онҳо байни субъектҳои хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар аз як тараф, ба сифати воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорони ватанӣ аз суйистифодабариҳои гуногун баромад намудан, аз ҷониби дигар, шарти аввалаи таъмини муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои субъектҳои хоҷагии хориҷӣ маҳсуб мегардад.

Таҳия намудани механизмҳои нави ҳуқуқие, ки иҷрои мувофиқу матлуби ухдадориҳои пулӣ дар муомилоти дохилӣ ва берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд, хеле муҳим мебошад. Ҳалли масъалаҳои зикргардида тибқи талаботи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 феврали соли 2018 қабул гардидааст, яке аз ҳадафҳои рушди қонунгузории миллии гражданӣ ва соҳибкорӣ мебошад [3]. Ҳолатҳои зикргардида мубрамияти мавзӯи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намудаанд.

**Робитаи мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо лоиҳаҳо (барномаҳо) ва бо мавзӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.**

Диссертатсия дар доираи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – «Такмили асосҳои қонунгузории ҳуқуқи хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2019» таҳия шудааст.

**Дараҷаи омӯзиш ва коркарди илмии мавзӯи таҳқиқот.** Масъалаи иҷрои ухдадориҳои пулӣ, яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити

[3] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, №1005. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=563 (санаи муроҷиат: 16.11.2019).

тағйирёбии босуръати бозор, ин масъала ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози иқтисодӣ таваҷҷуҳи доимӣ ва ҷиддиро талаб мекунад. Мавзӯи мазкур нав буда, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии олимони ватанӣ қарор дода нашудааст.

Дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, дар Федератсияи Россия ба таври бевосита масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ М.Г. Бакуева[4], В.А. Белов[5], Л.А. Новоселова[6] ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Баъзе ҷанбаҳои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ аз тарафи олимони ҳуқуқшиноси тоҷик, аз қабили А.Д. Ғафурзода[7], Б.К. Нусратуллоев[8], М.З. Раҳимзода[9] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқотҳои олимони зикргардида ба марҳилаи нави рушди ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкории Россияю Тоҷикистон рост омада, баҳри ҳалли масъалаҳои муҳими уҳдадориҳои пулӣ, иҷрои уҳдадориҳо, ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳо, аз ҷумла, уҳдадориҳои пулӣ равона карда шудаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳлили меъёру муқаррароти ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дахлдоштаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалии ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва таҳияи таклифу тавсияҳои дахлдор оид ба таҳкими механизми ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадориҳои пулӣ мебошад.

---

4 Бакуева М.Г. Исполнение денежных обязательств по российкому гражданскому праву: дис. … канд. юрид. наук. – Тюмень, 2005. – 199 с.
5 Белов В.А. Денежные обязательства. – М.: Центр ЮрИнфоР, 2001. – 237 с.
6 Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. – М.: Статут, 2003. – 192 с.
7 Гафуров А.Д. Дисциплина расчетов в условиях рыночной экономики: правовые аспекты. – Душанбе: «Ирфон», 2006. – 172 с.
8 Нусратуллоев Б.К. Принципы реального и надлежащего исполнения обязательств на современном этапе развития гражданского права Таджикистана: проблемы реализации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 30 с.
9 Рахимов М.З. Исполнение хозяйственных обязательств: встречное исполнение. Учебное пособие. – Душанбе, 1990. – 127 с; Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с.

**Дар асоси мақсади гузошташуда вазифаҳои зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинӣ шудаанд:**

- таҳлили мафҳум ва табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ;
- муайян намудани асосҳои ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои пулӣ ва аниқ намудани мазмуни навъҳои алоҳидаи онҳо;
- таҳия намудани таснифоти уҳдадориҳои пулӣ;
- таҳлили мазмуни иҷрои уҳдадориҳои пулӣ;
- муайян намудани мафҳуми иҷрои дахлдори уҳдадориҳои пулӣ;
- таҳқиқи мазмуни иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи фоизҳо;
- муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ;
- асоснок намудани рӯёндани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ;
- таҳияи таклиф ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** муносибатҳои ҷамъиятии бо иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд ташкил медиҳанд.

**Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро** меъёру муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, санадҳои дахлдори байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи судҳои иқтисодӣ ва ақидаю афкори илмӣ-назариявӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ташкил медиҳанд.

**Асоси методологии таҳқиқот.** Зимни таълифи диссертатсия аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии зерин истифода шудааст: диалектикӣ, таҳлили низомнок, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимони замони шӯравӣ ва муосири ватанию хориҷие, ки ба ҷанбаҳои мухталифи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни кор вобаста ба таҳқиқоти диссетратсионӣ, корҳои олимони ватанию хориҷии соҳаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ М.М. Агарков, И.Х. Бобоҷонзода, М.Г. Бакуева, В.А. Белов, В.В. Витрянский, Ш.К. Ғаюров, А.Д. Ғафурзода, Д.В. Добрачев, Л.Г. Ефимова, Н.Ю. Ерпилева, А.В. Золотухин,

В. Зубарев, А.Б. Ипатов, Ш.М. Исмоилов, З.И. Исмоилова, Ш. Каримзода, Н.В. Куракова, Л.А. Лунс, Д.Г. Лавров, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.Ш. Муртазозода, Б.К. Нусратуллоев, Л.А. Новосёлова, О.У. Усмонов, В.А. Ойгензихт, М.З. Раҳимзода, Ф.С. Сулаймонов, С.В. Сарбаш, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров, В.С. Толстой, Е.В. Тирская, Г.А. Тосунян, В.А. Хохлов, Д.Д. Ҳошимзода ва дигарон истифода бурда шудаанд.

**Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳқиқот.** Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кори диссертатсиониро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, санадҳои зерқонунӣ, инчунин, меъёру муқаррароти алоҳидаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Қарорҳои Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми шарҳи қонунгузории граждании соҳибкорӣ ва тарзи татбиқи онҳо нисбати категорияҳои муайяни муносибатҳои ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ алоқаманд, ҳамчун заминаи эмприкии таҳқиқот хизмат намудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмии проблемаҳои мубрами иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар таҳқиқоти илмӣ ба таври пурра ва бо диди дигар масъалаҳои мафҳум, таснифот, табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ, мафҳум ва моҳияти иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, махсусияти ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳои пулӣ баррасӣ шудаанд.

**Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, дар хулосаю муқарраротӣ назариявӣ ва таклифу тавсияҳои амалии зерин, ки ба ҳимоя бароварда шудаанд, инъикос меёбад.**

1. Мафҳуми «пул» ҳамчун предмети уҳдадории пулӣ, тамоми пулҳоеро дар бар мегирад, ки дорои хусусияти қонунии воситаи пардохт мебошанд ё ин ки чунин хусусиятҳоро доро набошанд ҳам, вале барои истифода бурдан дар суратҳисобҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд. Воситаҳои пулии ғайринақдӣ низ метавонанд дар қатори пулҳои нақдӣ предмети уҳдадориҳои пулӣ бошанд. Азбаски пулҳо дорои хусусияти фоидаоварӣ мебошанд, аз ин рӯ, бояд дар қонунгузорӣ уҳдадории

пардохти фоизҳо барои истифодабарии онҳо муқаррар карда шавад.

2. Табиати ҳуқуқии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз ҳисоббаробаркунӣ бо пулҳои нақд бо набудани интиқоли воқеии пул ва ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахсони сеюм (бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ), ки ба қарздор ва кредитор хизмат мерасонанд, фарқ мекунанд. Агар пулҳои нақд дар худ гуногуншаклии ашёҳоро ифода намоянд, пас пулҳои ғайринақдӣ ба ашёҳо дахл надоранд ва ба муомилоти гражданӣ ба сифати талаботи уҳдадоркунанда дохил мешаванд, ки дар муносибат бо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии дар онҳо суратҳисоби мувофиқ кушодашуда вуҷуд доранд.

3. Муаллиф таърифи зерини мафҳуми уҳдадориҳои пулиро пешниҳод менамояд: «Уҳдадориҳои пулӣ чунин уҳдадориҳое мебошанд, ки тибқи он кредитор ҳуқуқ дорад аз қарздор маблағи пулии муайян ё муайяншударо бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудаи шартнома ва қонунгузории гражданӣ талаб намояд».

4. Дар асоси таҳлили меъёрҳои КГ ҶТ муаллиф уҳдадориҳои пулиро ба намудҳои зерин ҷудо менамояд:

1. Вобаста ба мавзӯъ:

а) уҳдадориҳое, ки предмети онҳо танҳо пул мебошад;

б) уҳдадориҳое, ки предмети онҳо, ҳамчун қоида метавонад пул бошад.

2. Вобаста ба мазмун:

а) уҳдадориҳое, ки мазмуни онҳо амали қарздор ҷиҳати ба кредитор ва ё ин ки ба шахси сеюми ишоранамудаи ӯ додани ашё мебошад;

б) уҳдадориҳое, ки мазмуни онҳо амали қарздор ҷиҳати муқаррар намудан ё қатъ гардонидани ҳуқуқи муайяни субъективии кредитор, ё ин ки шахси сеюми ишоранамудаи ӯ мебошад;

в) уҳдадориҳое, ки мазмуни онҳо амали қарздор ҷиҳати иҷрои кор мебошад;

г) уҳдадориҳое, ки мазмуни онҳо амали қарздор ҷиҳати расонидани хизмат мебошад;

д) уҳдадориҳое, ки мазмуни онҳо худдорӣ намудани қарздор аз анҷом додани амалҳои муайян мебошад.

3. Вобаста бар асоси ба вуҷуд омадан:

а) шартномавӣ ва ғайришартномавӣ;

б) танзимшаванда ва ҳифзшаванда.

5. Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ – ин аз ҷониби қарздор содир намудани амал (амалҳо)-и муайян ҷиҳати интиқол ё пардохт намудани маблағҳои пулӣ бо талаби кредитор мебошад. Иҷрои уҳдадории пулӣ метавонад, чӣ ихтиёрӣ ва чӣ маҷбурӣ бошад.

6. Ҳамчун қоида, лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ аз рӯи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, лаҳзаи гирифтани воситаҳо (маблағҳо)-и пулӣ аз тарафи бонки кредитор ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ҳисобаробаркуниҳо аз рӯи инкассо бошад, муштарӣ ба бонки худ (бонки эмитент) ҷиҳати аз ҳисоби ӯ анҷом додани пардохт супориш медиҳад. Агар дар ин маврид сабаби иҷро накардан ва ё ба таври номатлуб иҷро кардани супориш, аз тарафи бонки иҷорокунанда вайрон намудани қоидаҳои анҷом додани амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ бошад, он гоҳ мумкин аст, ки ҷавобгарӣ дар назди муштарӣ ба зиммаи ҳамин бонк гузошта шавад (м. 899 КГ ҶТ).

Азбаски дар Кодекси граждании ҶТ лаҳзаи ба таври дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳои пулӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи шакли инкассо муайян нашудааст ва чунин ҳолат боиси мушкил гардидани ичрои уҳдадориҳои пулӣ аз ҷониби шарикони қарздор мегардад, пешниҳод карда мешавад, ки дар КГ ҶТ лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ вобаста ба пулҳои ғайринақдӣ, лаҳзаи аз суратҳисоби бонки пардохткунанда баровардани маблағи қарз ҳисобида шавад.

7. Қонунгузории амалкунанда ҳеҷ гуна қоидаҳои умумӣ оид ба шартҳои иҷрои уҳдадории пулиро муқаррар накардааст. Дар КГ ҶТ меъёрҳое вуҷуд надоранд, ки қоидаҳои истифода бурдани фоиз аз рӯи уҳдадориҳои пулиро муфассал ба тартиб даровarda бошанд.

Барои ичро накардани уҳдадориҳои пулӣ бояд ба андозаи маблағи муайянгардида фоиз пардохта шавад, ки андозаи он бо дарназардошти ставкаи миёнаи Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Вале, мушаххасан, муайян намудани чунин меъёр хеле душвор мебошад. Зеро фоизе, ки бояд рӯёнида шавад, аз тарафи ҳамон як бонк метавонад нисбати мизоҷони гуногун вобаста ба имкониятҳо ва сиёсати молиявии амалишаванда гуногун бошад.

Аз ин рӯ, муаллиф роҳҳои зерини ҳалли масъалаи мазкурро пешниҳод менамояд:

Якум, бо роҳи меъёри матлуб ҳисобидани меъёри баҳисобгирии БМТ оид ба захираҳои қарзие, ки аз ҷониби бонки тиҷоратӣ (меъёри бозтамвил) пешниҳод гардидаанд ва татбиқи меъёри мазкур ба якхелагии ҳисобкуниҳо оварда расонида, амалияи ҳуқуқтатбиққунии судиро ба он равона менамояд;

Дуюм, бо роҳи бо чунин меъёр эътироф намудани ставкаи миёнамоҳ оид ба кредитҳои додаи ташкилоти қарзи (бонки)-е, ки ба кредитор хизмат мерасонад.

Азбаски тартиби муайяннамудаи ставкаи миёнаи баҳисобгирии фоизҳои бонкҳо аз рӯи м. 426 КГ ҶТ феълан, дар амалия татбиқ намегардад, аз ин рӯ, фаҳмиши ҳархелаи он, ки аз муқаррароти ин модда бармеояд, зарурат ба аниқ намудан ё ба таҷрибаи феълан ҷойдоштаи меъёри азнавмолиякунонии Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқ намуданро дорад.

8. Меъёри дар қ. 1 м. 426 КГ ҶТ овардашуда, аксаран, ба сифати қоидаи умумӣ барои муқаррар намудани оқибатҳои гузаштани муҳлати иҷрои уҳдадории пулӣ фаҳмида мешавад. Вале доираи амали меъёри мазкур нисбатан васеътар буда, он дар мавридҳои муқаррар намудани оқибатҳои «ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулии ғайр», «гузаронидани муҳлати пардохти он», «бидуни асос гирифтани он» ва «аз ҳисоби шахси дигар ба амонат гузоштан» низ татбиқ мегардад. Агар саркашӣ аз баргардонидани маблағро дар аксар ҳолатҳо ҳамчун пардохт нашудани он фаҳмидан раво бошад, пас «нигоҳдории ғайриқонунии маблағҳои пулӣ» мафҳумест, ки моҳияти он мазмуни на танҳо бо фаҳмиши қисман, балки бо пурра пардохт нашудан низ мувофиқ меояд. Ҳамзамон, нигоҳдории ғайриқонунии маблағҳои пулӣ метавонад, ки сабаби вайронкунии ҳам уҳдадории пулӣ ва ҳам он уҳдадорие бошад, ки гарчанде бо додани пул вобаста ҳам бошад, аммо уҳдадориҳои пулӣ ҳисобида намешаванд. Зиёда аз ин, ба таври ғайриқонунӣ нигоҳдоштан метавонад, ки бо ягон намудҳои уҳдадорӣ алоқаманд набошад. Аз ин рӯ, ҷавобгарӣ дар шакли пардохти фоизҳо вобаста ба маблағи воситаҳои пулии ғайриқонунӣ нигоҳдошташуда, ки бевосита ба ташкилоти қарзи (бонкҳо)-и гунаҳгор бо супориши мизоҷ барои иҷро ҷалб карда шудааст, ба ин ташкилот татбиқ карда мешавад.

9. Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо

дар чунин маврид, ғайр аз шартнома, инчунин, дар қонун муайян шудааст. Новобаста аз он ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории пулӣ тибқи шартнома ба кредитор фоизи муайяни ҷарима месупорад, бар замми он, ӯ тибқи қонунгузорӣ ба кредитор ҷаримаи иловагӣ низ мепардозад. (қ. 5 м. 426 КГ ҶТ). Ба назари мо, ин ҳолат ба талаботи принсипи баробарӣ, ки дар ҳуқуқи граждани ҳукмфармост, чандон мувофиқ нест ва соҳибкори қарздорро нисбат ба субъектҳои дигар дар ҳолати нобаробарӣ қарор медиҳад.

10. Бо мақсади такмили қонунгузорӣ чораандешиҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- ба таври меъёрӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқи кредитор ҷиҳати аз қарздор талаб намудани талафи зиёнҳо вобаста ба беқурбшави (таварруми)-и арзиши пардохт, ки боиси ба таъхир гузоштани пардохти қарз гардидааст, ки ин ба пайваста амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кредитор, ки аз уҳдадориҳои пулӣ бармеояд, имкон медиҳад;

- мувофиқи интихоби тарафи зиёндида ҳисоб кардани зиёни фоизҳо ва ҷаримаҳо ё бо арзе, ки бо он уҳдадории пулӣ ифода карда шуда буд, ё бо арзе, ки бо он зарари расонидашуда ифода шудааст.

Ҷиҳати боз ҳам аниқтар намудани ҷои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ пешниҳод мегардад:

1) банди г) м. 339 КГ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

- «г) аз рӯйи уҳдадории вобаста ба пардохти маблағҳои пули нақдӣ – дар ҷои истиқомати кредитор ё агар кредитор шахси ҳуқуқӣ бошад, дар ҷои ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ ҷои истиқомат, ё будубошашро иваз карда, қарздорро дар ин бора огоҳонида бошад, пас ҷои нави истиқомат, ё будубоши кредитор ва аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷои иҷро.».

2) дар моддаи 339 КГ ҶТ банди нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

- «е) аз рӯи уҳдадории пулӣ вобаста ба пардохти маблағи пулии ғайринақдӣ – дар маҳалли ҷойгиршавии бонк (воҳидҳои сохтории бонк), ки дар он (онҳо) барои кредитор суратҳисоби

бонкӣ кушода шудааст. Агар дар маҳал ё кишвари пардохти маблағ, кредитор суратҳисоби бонкӣ барои гузаронидани маблағро дошта бошад, қарздор ҳақ дорад дар мавриди эътироз надоштани кредитор ухдадории пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузаронидани маблағ иҷро намояд.».

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки аз хулоса ва нуқтаҳои назариявии дар он инъикосёфта дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмии масъалаҳои марбут ба иҷрои ухдадориҳои пулӣ метавон истифода намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ифодаи худро дар он меёбад, ки тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот ҷойдоштаро дар ҷараёни қонунэҷодкунӣ дар бахши ҳуқуқи гражданӣ, аз ҷумла, баҳри ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КГ ҶТ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсиониро, ҳамчунин, зимни гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанни «Ҳуқуқи гражданӣ» ва «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинар ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Инчунин, сабки навишти диссертатсия аз саҳми шахсии муаллиф даромад намудани он далолат мекунад.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шуда, дар ҷаласаҳои Институти мазкур ва кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар чунин конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар шакли маърӯзаҳо иброз шудаанд:

- дар конференсияи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида ба 10-солагии Кодекси граждании ҶТ (Душанбе, соли 2010);
- дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи

«Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият» бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 26-29 августи соли 2011);

- дар Форуми панҷуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 1 ноябри соли 2019);
- дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» (Душанбе, 24 апрели соли 2019);
- дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоил ва дурнамо» (Душанбе, 1 майи соли 2019);
- дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Низоми муосири худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 3 майи соли 2019);
- дар конференсияи байналмилалии илмӣ ба ифтихори 80-солагии академик Ф.Т. Тоҳиров дар мавзӯи «Рушди илми ҳуқуқ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон» (Душанбе, 21 июни соли 2019) ва ғайра.

Муқаррароти умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта, дар 1 монография ва 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 8 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидаи муаллиф инъикос шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 196 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссератсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқёфта, мақсад, вазифаҳо, объект, предмети он муайян шуда, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ифода карда шудааст.

**Боби якуми кори диссертатсионӣ** – «Мафҳум ва таснифи уҳдадориҳои пулӣ», аз ду зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби якум «Табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар зербоби мазкур табиати ҳуқуқии уҳдадориҳои пулӣ ва асосҳои ба вуҷуд омадани онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Қайд карда мешавад, ки предмети уҳдадории пулӣ дар баробари пулҳои нақдӣ метавонанд воситаҳои пулии ғайринақдӣ низ бошанд. Азбаски пул, инчунин, дорои хусусияти даромад овардан мебошад, аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф, бояд дар қонунгузорӣ уҳдадорӣ оид ба пардохти фоизҳо барои истифодаи пулҳо муқаррар карда шавад.

Табиати ҳуқуқии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз табиати ҳуқуқии ҳисоббаробаркунӣ пулҳои нақд бо набудани интиқоли пулҳои воқеӣ ва ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахсони сеюм (бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ), ки ба қарздор ва кредитор хизмат мерасонанд, фарқ мекунад. Аз дигар тараф, агар пулҳои нақд дар худ гуногуншаклии ашёҳоро ифода намоянд, пас пулҳои ғайринақдӣ ба ашёҳо дахл надоранд ва ба муомилоти гражданӣ ба сифати талаботи уҳдадоркунандаи ҳуқуқии субъектҳое дохил мешаванд, ки бо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзие, ки ба онҳо суратҳисоби мувофиқ кушода шудаанд, дар муносибат қарор доранд.

Қайд мегардад, ки ҳарчанд уҳдадориҳои пулӣ ҷузъи таркибӣ ва шакли алоҳидаи уҳдадорҳо бошанд ҳам, вале таърифи онҳо дар қонунгузории гражданӣ дода нашудааст, ҳол он ки дар КГ ҶТ якчанд модда ба танзими масъалаҳои алоҳидаи ба онҳо алоқаманд бахшида шудааст, аз ҷумла, оид ба: иҷрои уҳдадориҳои пулӣ (м. 340), ҷои иҷрои уҳдадорӣ (м. 339); пул (асъор) (м. 155); масъулият барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр (м. 426). Ҳамзамон, дар м. 4 Қонуни ҶТ аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи нодорамӣ (муфлисшавӣ)» уҳдадории пулӣ – ин уҳдадории қарздор дар бораи ба кредитор пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ, аз рӯи шартномаи гражданию ҳуқуқӣ ва дигар асосҳое, ки дар КГ ҶТ пешбинӣ шудаанд, муайян шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, азбаски мафҳуми мазкур ба танзими муносибатҳо дар соҳаи муайян дахл дорад, пас он қобили қабул намебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки оид ба мафҳуми «уҳдадории пулӣ», дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Уҳдадории пулиро ҳамчун уҳдадории қарздор оид ба манфиати кредитор пардохт намудани маблағи пулии муайян ба сифати андозаи арзиши неъмати молумулкӣ (Д.Г. Лавров) ё ҳамчун муносибати ҳуқуқии граждание, ки мазмуни онро ҳуқуқи талаб кардани кредитор ва уҳдадории ба он алоқаманди қарздор оид ба содир кардани пардохт ташкил медиҳад (В.А. Белов) ва ё ҳамчун уҳдадорие, ки дар асоси он як шахс (кредитор) ҳуқуқ дорад, ки аз шахси дигар (қарздор) маблағи муайяни пулиро бо мақсади пӯшонидани қарзи пулӣ талаб намояд, қарздор бошад, уҳдадор аст, ки пардохти асъори муайянро мувофиқи шартномаи ҳуқуқӣ- гражданӣ ва ё дигар асосҳои дар қонунгузории гражданӣ муқарраршуда, анҷом диҳад (М.Г. Бакуева).

Ба ақидаи мо, барои муайян намудани мафҳуми «уҳдадории пулӣ» танҳо ишора ба вазифаҳои иқтисодии пул нокифоя буда, ба асос гирифтани моҳият ва маънои амале, ки қарздор онро содир менамояд, муҳим мебошад. Дар уҳдадории пулӣ, пул ба сифати воситаи пардохти баробарарзиши ба фурӯшанда ҷуброн намудани арзиши моли додаи ӯ баромад намояд. Хусусияти уҳдадории пулӣ, инчунин, дар эътирофи ҳуқуқи кредитор оид ба аз қарздор гирифтани маблағи пулии муайян ё дигар мукофотҳо зоҳир мегардад.

Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда, муаллиф уҳдадории пулиро ҳамчун уҳдадорие муайян намудааст, ки тибқи он кредитор ҳуқуқ дорад аз қарздор маблағи пулии муайян ё муайяншударо бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудаи шартнома ва қонунгузории гражданӣ талаб намояд.

**Дар зербоби дуюми боби якум -** «Намудҳо ва таснифоти уҳдадориҳои пулӣ», қайд карда мешавад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба масъалаи таснифоти уҳдадориҳои пулӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе олимон дар бораи ба мақсад мувофиқ набудани таснифи уҳдадориҳои пулӣ сухан ронда, қайд мекунанд, ки ҳадаф аз таснифи уҳдадориҳо ба навъҳо, гурӯҳҳо, намудҳо ва шаклҳо, дар доираи ҳар яке аз онҳо ошкор намудани чунин аломатҳои умумии ҳуқуқие мебошад, ки ба тамоми уҳдадориҳои ба

зернизоми мазкур дохилшаванда хосанд. Нисбат ба уҳдадориҳои пулӣ истифода бурдани чунин таснифот наметавонад вазифаи ошкор намудани аломатҳои муҳими ҳуқуқиеро, ки хусусияти танзими ҳуқуқии онҳоро муайян мекарда бошанд, иҷро намояд. Чунин хулоса бо дар дохили ҳар яке аз зернизомҳои ҷудокардашудаи ухдадориҳо мавҷуд будани уҳдадориҳои пулӣ, маънидод карда мешавад.

Тибқи ақидаи дигар гурӯҳи олимон, таснифи уҳдадориҳои пулӣ, инчунин, барои муайян намудани мақсад ва мазмуни гуногуни уҳдадориҳои пулие, ки аз ин ё он асосҳои мушаххас ба вуҷуд меоянд, ҳатто аз лиҳози зоҳирӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, масалан уҳдадории пардохт намудани нархи хариди ашё (тибқи шартномаи хариду фурӯш) эҳтимол аст, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ комилан ба уҳдадории пешниҳод намудани кредит баробарарзиш бошад. Ин ва ҳам он, ба соҳибмулк додани маблағи пулиро дар назар дорад, вале мақсади онҳо гуногун аст (В.А. Белов, Е.А. Суханов).

Дар асоси таҳлили қонунгузории гражданӣ, муаллиф ба хулоса меояд, ки уҳдадориҳои пулии дорои мазмуни ҳуқуқи гражданӣ бударо метавон дар асоси маҳакҳои гуногун, масъалан вобаста ба мазмун, асосҳои ҳуқуқии ба вуҷуд омадан, хусусият ва тарзи иҷро, мансубият ба муомилоти дохилӣ ва берунӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон намудани онҳо ва ғайра аз ҳамдигар фарқ намуд.

Ба андешаи мо, таҳлили меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ухдадориҳои пулиро метавон ба уҳдадориҳое, ки предмети онҳо танҳо пул мебошанд, тақсим намуд: (уҳдадориҳо оид ба пардохти ноустуворона (м. 355 КГ ҶТ); оид ба пардохти маблағи пулӣ аз рӯи кафолати бонкӣ (м. 397 КГ ҶТ); оид ба додан ва баргардонидани кредит (м. 839 КГ ҶТ) ва ғайра).

Уҳдадориҳое, ки предмети онҳо, ҳамчун қоида, метавонад пул бошад: (уҳдадориҳо оид ба пардохти фоизҳо (м. 426 КГ ҶТ); оид ба ташкили озмуни оммавӣ (м. 1070 КГ ҶТ); оид ба пардохти мукофот (м. 1075 КГ ҶТ) ва ғайра).

Қайд мегардад, ки вобаста ба мазмунашон, уҳдадориҳои пулии дар КГ ҶТ пешбинишударо чунин тасниф кардан мумкин аст:

- уҳдадориҳо оид ба додани ашё ба кредитор ё ин ки ба шахси сеюм;

- ухдадориҳо оид ба муқаррар намудан ё қатъ гардонидани ҳуқуқи муайяни субъективии кредитор, ё ин ки шахси сеюм;

- уҳдадориҳо оид ба иҷрои кор;

- уҳдадориҳо оид ба расонидани хизмат;

- уҳдадориҳо оид ба худдорӣ аз содир намудани амалҳои муайян.

Уҳдадориҳои пулӣ вобаста ба асосҳои ҳуқуқии ба вуҷуд омаданашон, ба уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, инчунин, ба танзимшаванда ва ҳифзшаванда тасниф карда шудаанд.

Зикр бояд кард, ки намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳоро метавон бо зернамудҳои гуногун ҷудо намуд, агар уҳдадориҳои дохили ҳамин намуд, хусусиятҳои ба худ хосро доро гарданд. Масалан, дар дохили уҳдадории иҷораи воситаҳои нақлиёт, ду зернамуди онро ҷудо мекунанд: иҷораи воситаи нақлиёт бо ронанда ва иҷораи воситаи нақлиёт бе ронанда.

**Дар боби дуюм -** «Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ», ки аз ду зербоб иборат мебошад, бо таври муфассал масъалаҳои мафҳум ва мазмуни иҷрои уҳдадориҳои пулӣ, инчунин, иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи фоизҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Зербоби якуми боби дуюм** «Мафҳум ва мазмуни иҷрои уҳдадориҳои пулӣ» номгузорӣ шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки уҳдадории пулӣ, ҳамчун ҷузъи таркибии уҳдадориҳо, муносибати ҳуқуқи гражданӣ буда, мазмуни он дар ҳуқуқи кредитор ва уҳдадориҳои дахлдори қарздор ҷиҳати иҷрои амал (худдорӣ аз беамалӣ) вобаста ба супурдан (интиқол)-и маблағи муайяни пулӣ ифода меёбад. Уҳдадориҳои пулӣ, бояд бо предмет, тарз ва субъекти муносиб, инчунин, дар вақт ва ҷои муносиб иҷро шаванд. Тартиби аниқи иҷрои уҳдадориҳои пулиро тарафҳо дар шартнома муқаррар мекунанд.

Предмети уҳдадориҳои пулӣ муносибатҳои пулие мебошанд, ки дар ҷараёни муомилоти гражданӣ дар доираи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд. Иҷрои уҳдадории пулӣ метавонад, ки аз ҷониби кредитор бо тарзҳои гуногун, яъне якбора ё қисман, то ва ё баъди ба ӯ аз ҷониби шарикҳо пешниҳод шудани иҷрои ҷавобӣ сурат гирад.

Аз рӯи қоидаи умумӣ иҷрои матлуби уҳдадориҳои пулӣ аз ҷониби субъектҳои он, яъне аз ҷониби қарздор ба таври муносиб

ба манфиати кредитор иҷро намудани уҳдадорӣ ва аз ҷониби кредитор қабул намудани онро дар назар дорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳамчун қоида, лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ дар мавриди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, лаҳзаи гирифтани воситаҳои (маблағҳои) пулӣ аз тарафи бонки кредитор баҳисоб меравад. Аммо ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо тибқи инкассо, лаҳзаи ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои пулӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо муайян нашудааст. Азбаски чунин ҳолат боиси мушкил гардидани иҷрои уҳдадории пулӣ аз ҷониби шарикони қарздор мегардад, пешниҳод карда мешавад, ки лаҳзаи иҷрои уҳдадории пулӣ дар мавриди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, дар КГ ҶТ лаҳзаи аз суратҳисоби бонки пардохткунанда баровардани маблағи қарз, ҳисобида шавад.

Қайд мегардад, ки масъалаи муайян намудани ҷои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар амалияи шартномавӣ низ баҳснок мебошад. Судҳо дар баъзе ҳолатҳо оид ба ҷои иҷрои уҳдадории пулӣ ҳангоми дар асоси шартнома аз ҷониби тарафҳо истифода намудани ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо, хулосаи якхела бароварда, маҳали иҷрои онро тибқи зербандҳои г) ва д) қ. 2 м. 339 КГ ҶТ, ҷои зисти қарздор, агар қарздор шахси ҳуқуқӣ бошад, он гоҳ ҷойи ҷойгиршавии ӯ меҳисобанд. Вале ба андешаи муаллиф, чунин хулосабарорӣ баҳснок мебошад, чунки хусусиятҳои муносибатҳо оид ба иҷрои супориши инкассо, ки дар амалияи бонкӣ устувор гардидаанд, аз ҷониби судҳо ба эътибор гирифта нашудааст.

Бо мақсади боз ҳам аниқтар намудани ҷои иҷрои уҳдадориҳои пулӣ пешниҳод мегардад, ки банди г) м. 339 КГ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

- «г) аз рӯйи уҳдадории вобаста ба пардохти маблағҳои пули нақдӣ – дар ҷои истиқомати кредитор ё агар кредитор шахси ҳуқуқӣ бошад, дар ҷои ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ ҷои истиқомат, ё будубошашро иваз карда, қарздорро дар ин бора огоҳонида бошад, пас ҷои нави истиқомат, ё будубоши кредитор ва аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷои иҷро.».

Дар моддаи 339 КГ ҶТ банди нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

- «е) аз рӯи уҳдадории пулӣ вобаста ба пардохти маблағи пулии ғайринақдӣ – дар маҳалли ҷойгиршавии бонк (воҳидҳои сохтории бонк), ки дар он (онҳо) барои кредитор суратҳисоби бонкӣ кушода шудааст. Агар дар маҳал ё кишвари пардохти маблағ, кредитор суратҳисоби бонкӣ барои гузаронидани маблағро дошта бошад, қарздор ҳақ дорад дар мавриди эътироз надоштани кредитор уҳдадории пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузаронидани маблағ иҷро намояд.».

Аз гуфтаҳои боло натиҷагирӣ намуда, муаллиф муайян менамояд, ки мафҳуми иҷрои уҳдадориҳои пулӣ ҳамчун аз ҷониби қарздор содир намудани амал (амалҳо)-и муайян ҷиҳати интиқол ё пардохт намудани маблағҳои пулӣ бо талаби кредитор фаҳмида шавад.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм -** «Иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи фоизҳо» қайд карда мешавад, ки масъалаҳои иҷрои уҳдадориҳо оид ба фоизҳо аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва намудҳои алоҳидаи онҳо дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд. Дар қонунгузории амалкунанда бошад, ҳеҷ гуна қоидаҳои умумӣ оид ба шартҳои иҷрои онҳо муқаррар нашудааст. Дар КГ ҶТ меъёрҳое, ки қоидаҳои иҷро намудани чунин уҳдадориро пурра ба тартиб меандохта бошанд, вуҷуд надорад.

Дар асоси таҳлили мазмуни моддаи 426 КГ ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба фоизҳо аз рӯи уҳдадориҳои қарзӣ тааллуқдошта, фоиз аз рӯи дигар уҳдадориҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд меоянд, дар бар намегирад.

Вале табиати иқтисодӣ ва ҳуқуқии фоизҳо аз рӯи уҳдадориҳои қарзӣ ва фоизҳои вобаста ба уҳдадориҳои пулӣ, ки мутобиқи м. 426 КГ ҶТ рӯёнида мешаванд, ягона мебошад, зеро дар ҳарду ҳолат қарздор маблағҳои пулии ғайреро истифода мебарад. Ин воситаҳои пулӣ агар дар ихтиёри кредитор мебуданд, онҳо метавонистанд, ки ба ӯ даромади муайян оранд.

Ҳамин тавр, дар мавриди иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ ё гузаронидани муҳлати пардохти онҳо, ё беасос гирифтани онҳо, ё аз ҳисоби шахси дигар захира намудани онҳо, бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад. Вале КГ ҶТ андозаи мушаххаси фоизи барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ пардохтшавандаро муайян накардааст. Феълан андозаи чунин фоиз бо дарназардошти ставкаи миёнаи фоизи Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар ин ҳолат ҳаҷми фоизе, ки барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр бояд руёнида шавад, аз ҷониби ҳамон як бонк метавонад барои мизоҷони гуногун вобаста ба имкониятҳо ва сиёсати молиявии пешгирифтаи Бонки миллӣ гуногун бошад.

Ба ақидаи муаллиф, масъалаи мазкурро бо роҳҳои зерин ҳал намудан мумкин аст:

1) бо роҳи меъёри матлуб ҳисобидани меъёри баҳисобгирии БМТ оид ба захираҳои қарзие, ки аз ҷониби бонки тиҷоратӣ (меъёри бозтамвил) пешниҳод гардидаанд ва татбиқи меъёри мазкур ба якхелагии ҳисобкуниҳо оварда расонида, амалияи ҳуқуқтатбиққунии судиро ба он равона менамояд;

2) бо роҳи бо чунин меъёр эътироф намудани ставкаи миёнамоҳ оид ба кредитҳои додаи ташкилоти қарзи (бонки)-е, ки ба кредитор хизмат мерасонад.

Азбаски тартиби муайяннамудаи ставкаи миёнаи баҳисобгирии фоизҳои бонкҳо аз рӯи м. 426 КГ ҶТ феълан, дар амалия татбиқ намегардад, аз ин рӯ, фаҳмиши ҳархелаи он ки аз муқаррароти ин модда бармеояд, зарурат ба аниқ намудан ё ба таҷрибаи феълан ҷойдоштаи меъёри азнавмолиякунонии Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқ намуданро дорад.

**Боби сеюм -** «Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ», аз ду зербоб иборат мебошад. Дар он мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ ва рӯёнидани фоизҳо ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ таҳлил ва таҳқиқ шудаанд.

**Зербоби якуми боби сеюм** «Мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ» номгузорӣ шудааст.

Дар он қайд карда мешавад, ки ҷавобгарӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳои пулӣ, ҷузъи таркибӣ ва як намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ буда, дар се шакли асосӣ, яъне дар шакли ҷуброн намудани зиёнҳо, пардохти ноустуворона ва рӯёнидани фоизҳо барои истифодаи ғайриқонунии воситаҳои пулии ғайр ифода меёбад. Рӯёнидани зиён, тарзи умумии ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда мебошад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ҳуқуқ ба пурра рӯёнида шудани он танҳо дар он ҳолатҳое маҳдуд карда мешавад, ки бевосита дар қонун ё

шартнома нишон дода шуда бошад. Чунин маҳдудкунӣ бо тарзҳои гуногун сурат мегирад:

- якум, бо роҳи шартнома ё қонун муқаррар намудани ҳадди рӯёнидани зиён;
- дуввум, бо роҳи аниқ муайян намудани таркиби зиёни руёнидашавада;
- сеюм, бо роҳи аз тариқи зиёни руёнидашаванда хориҷ намудани фоидаи аздастрафта;
- чаҳорум, бо роҳи маҳрум намудани ҷониби зарардида аз ҳуқуқи рӯёнидани зиён.

